“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур
профессор Маҳмадзода У.М.
аз «30» соли 2025

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

Диссертатсияи Раҳматзода Шаҳобуддин Зубайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080601– Технология ва васоити механикони кишоварзӣ, ки дар кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳо иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Раҳматзода Шаҳобуддин Зубайдулло доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080601– Технология ва васоити механикони кишоварзӣ ба шумор мерафт.

Раҳматзода Ш.З. соли 2009 ба ихтисоси 740601-Механикони кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2013 хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси 740601-Механикони кишоварзӣ дохил шуда, соли 2015 ин зинаи таҳсилотро бо ихтисоси 740601-Механикони кишоварзӣ хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (аз 11.12.2015, №320) ба ҳайси доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080601–Технология ва васоити механикони кишоварзӣ қабул карда шудааст.

Мавзуи кори диссертатсионӣ ва роҳбари илмӣ бо қарори шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (протоколи №9 аз 30.03.2016) тасдиқ шудааст.

Кори диссертатсионӣ таҳти роҳбарии номзади илмҳои техникӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳо Мироқилов Ҷамшед Ҳамзаевич иҷро карда шудааст.

Дар давраи фаъолияти таҳқиқотӣ Раҳматзода Ш.З. дар вазифаҳои ассистент, омӯзгори калони кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳо кор кардааст ва ҳоло вазифаи муовини декан оид ба таълими факултети механиконии кишоварзиро ба уҳда дорад.

Раҳматзода Ш.З. соли 2018 зинаи доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080601– Технология ва васоити механиконии кишоварзиро хатм карда, соҳиби маълумотномаи академӣ №2 замима оид ба имтиҳонҳои маҷмуавӣ гардидааст.

Диссертатсияи Раҳматзода Ш.З. дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» дар ҷаласаи васеи кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳо аз 28 октябри соли 2025, №4 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» чунин хулоса қабул карда шудааст:

- номи мавзуъ, ихтисоси илмӣ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080601– Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ мутобиқат мекунад;

- кори диссертатсионӣ бо назардошти нақша-чорабиниҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур аз рӯйи мавзуи «Тарҳрезӣ ва асосноксозии мушаххасотҳои кории мошинолоти муштарак барои коркарди хоки байни қатори дарахтони мевадиҳандаи боғҳои интенсивӣ» (аз 13.02.2016 с.) ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2015, №793 дар бораи «Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029» (аз 01.10.2024, №521) иҷро карда шудаанд;

- теъдод ва нашри натиҷаҳои илмии диссертатсия, ки 13 мақолаҳои илмро ташкил медиҳад ва 1 адад нахуспатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

№TJ904 аз с. 2018-ро соҳиб гардидаас, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферат мутобиқат мекунад;

- маводҳои диссертатсия дар раванди таълим барои ихтисосҳои мошинсозии соҳаи механиконии кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур истифода карда мешавад;

- саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амалҳои зерин асос карда шудааст: дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот бевосита иштирок намуда, вазифаҳои илмӣ ва тасвияти қоидаҳои асосии назариявӣ ва амалиро мақсаднок тарҳрезӣ намудааст. Асосноксозии зарурияти гузариш аз олотҳои кории ғайрифаъол ба истифодабарии мошинолотҳои муштараки олоти кориашон фаъолро барои коркарди хоки байни қатори дарахтони боғҳои интенсивии мевадиҳанда вазифагузорӣ кардааст. Мустақилона ва нуқтагирона зиёда аз 150 сарчашмаҳо ва маъхазҳои илмии ватанӣ ва хориҷиро баррасӣ ва хулосабарорӣ карда, сохти конструктивии мошинолотҳои коркарди хокро тасниф, маҳдудиятҳои агрономӣ ва энергетикии онҳоро маълум намуда, барои интихоби самти таҳқиқот асос гузоштааст.

Дар тарҳрезӣ ва сохтани намунаи таҷрибавии мошинолоти муштараки КМИС-1,8 бевосита иштирок намудааст ва дар гирифтани нахустпатент саҳми асосӣ дорад.

Намунаи таҷрибавии мошинолоти муштараки КМИС-1,8 озмоишҳои истеҳсолиро дар боғҳои интенсивии Институти зироатакории АИКТ ва Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзии АИКТ, ки дар шаҳраки Шароаи шаҳри Ҳисор воқеъ мебошад, гузаштааст, ки бо санадҳои тадбиқ тасдиқ гардидааст.

Ҳамаи маводҳои баёнкардашуда, ҳисобҳо, схема ва нақшаҳо, графикҳо, хулоса ва пешниҳодҳоро шахсан муаллиф тартиб додааст.

Диссертасияи Раҳматзода Шаҳобуддин Зубайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС -1.8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» ба ихтисоси 6D080601–Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D080601– Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ мутобиқат менамояд:

- б.1 – Омӯзиши хосиятҳои маводу масолеҳи кишоварзӣ, маҳсулоти зироат ва чорво ҳамчун объекти коркард (таъсири технологӣ), интиқол, нигоҳдорӣ;

- б.2 – Коркарди назария ва усулҳои таъсири технологӣ ба муҳити зист ва объектҳои (хок, наботот, ҳайвонот, ғалла, шир ва ғайра) истеҳсолоти кишоварзӣ;

- б.5 – Кор карда баромадани усулҳои баланд бардоштани эътимоднокӣ ва самаранокии равандҳои истеҳсолот, истифодаи агрегатҳо, звеноҳо, комплексҳои технологӣ ва хатҳои (линии) истехсолӣ, ба вуҷуд овардани шароити беҳавфу муътадили меҳнат, риояи талаботи муҳофизати меҳнат;

- б.6 – Омӯхтани шароити кори мошинҳои кишоварзӣ ва мелиоративӣ, агрегатҳо, ҷузъҳои алоҳидаи корӣ ва дигар воситаҳои механикони равандҳои технологии истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла истифодаи сӯзишвории алтернативӣ;

- б.7 – Кор карда баромадани усулҳои оптимизатсияи параметрҳои лоиҳавӣ ва реҷаҳои кори системаҳо ва воситаҳои техникии зироаткорӣ ва чорводорӣ аз рӯйи меъёрҳои самаранокӣ ва сарфаи ресурсҳои равандҳои технологӣ;

Диссертасияи Раҳматзода Шаҳобуддин Зубайдулло аз муқаддима, 5 боб, 23 параграф, хулоса, рӯйхати адабиёт бо 152 номгӯй иборат буда, дар 167 саҳифаи чопи компютерӣ, 11 замима, 46 расм ва 14 ҷадвал пешниҳод гардидааст.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адад дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,37 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. Раҳматзода Ш.З. Таъсири параметрҳои олоти кории ротатсионӣ ба муқовимати кашиши қиёсӣ ҳангоми коркарди болои хок дар боғҳои интенсивӣ/ Ҷ.Ҳ. Мироқилов, Ш.З. Раҳматзода // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз» (Земледелец)-и Донишгоҳи аграрии

Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. – Душанбе, 2025, №2 (107).- С. 125-129. ISSN 2074-5435.

2. Рахматзода Ш.З. Обоснование режимов работы ротационной бороны/ Ш.З. Рахматзода// Теоретический и научно-практический журнал «Земледелец» (Кишоварз) Таджикского аграрного университета им. Ш.Шотемур. - Душанбе 2022, №4 (97).- стр. 107-112. ISSN 2074-5435.

3. Шахобуддини З. Исследования параметров работы ротационного рабочего органа для обработки почвы / Дж.Х. Миракилов, М.А. Эркинов, Шахобуддини З.// Теоретический и научно-практический журнал «Земледелец» (Кишоварз) Таджикского аграрного университета им. Ш.Шотемур. - Душанбе 2019, №1 (81).- стр. 98-100.ISSN 2074-5435.

4. Шаҳобидини З. Таъсири шахшулии сатҳи танаҳои пайвандшаванда ба раванди хурдашавӣ дар ҷузъҳои мошини муштараки КМИС-1,8/ Н.Р. Амиров, Ш.М. Ясинов, Шаҳобуддини З.// Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз» (Земледелец)-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. – Душанбе, 2019, №2 (82).- С. 130-134. ISSN 2074-5435.

5. Шахобуддини З. Применение ротационных рабочих органов для обработки почвы межствольных полос в интенсивных садах/ Дж.Х. Миракилов, М.А. Эркинов, Шахобуддини З.//Теоретический и научно-практический журнал «Кишоварз» (Земледелец), Таджикского аграрного университета им. Ш.Шотемур. - Душанбе 2016, № 4 (72). - С. 71-72. ISSN 2074-5435.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

1. Раҳматзода Ш.З. Тарҳрезии олотҳои кории мошини муштараки КМИС-1,8 бо истифода бурдани чӯянҳои кӯбанда ва биметаллҳо/ Ш.З. Раҳматзода /Маҷмуи мақолаҳои мизи мудаввар дар мавзуи «Баланд бардоштани равандҳои хизматрасонии техникӣ ва таъмирӣ баҳри таъмин намудани эътимоднокӣ ва истифодабарии агрегати мошину трактории» бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи 16-Шурои олии тақдирсоз, рӯзи Президент ва Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. – Душанбе, 2022, - С. 40-43.

2. Рахматзода Ш.З. Теоретическое обоснование конструктивных и технологических параметров рабочего органа// Дж.Х. Миракилов, Ш.З. Рахматзода, М.А. Эркинов / Сборник научных статей, материалы республиканской научно-практической конференции на тему: «Роль инженерной науки в сельскохозяйственомпроизводстве: актуальные

проблемы и развитие отрасли», ТАУ им. Ш.Шотемур. – Душанбе, 2020, - С. 119-124.

3. Шаҳобуддини З. Тарҳрезии олоти кории диски дандонадори мошини муштараки КМИС-1.8 /Шаҳобуддини З.// Конференсияи илмию амалии ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ дар мавзуи «Инноватсия роҳ ба давраи нави рушди соҳаи кишоварзӣ», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. – Душанбе, 2019. - С. 30-33.

4. Шаҳобуддини З. Таъсиррасонии ҳарорат ба шаклгирии таркиби чӯянҳои кӯбанда барои олоти кории дандонадори мошини КМИС-1.8/ Ш.М. Ясинов, Шаҳобуддини З.// Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ дар шароити умумиҷаҳонии тағйирёбии иқлим: ҳолати кунунӣ, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. – Душанбе, 2019. - С. 269-274.

5. Шаҳобуддини З. Омӯзиши структураи чӯянҳои кӯбанда ва истифодабарии он дар сохтани олотҳои кории мошинҳои кишоварзӣ/ М.А. Эркинов, Ш.М. Ясинов, Шаҳобуддини З.//Конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Истифодаи самараноки омилҳои биоиқлимӣ дар парвариши зироатҳои кишоварзӣ», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. – Душанбе, 2018. - С. 204-207.

6. Шахобуддини З. Обоснование конструктивных параметров комбинированной машины для обработки почвы в интенсивных садах/ Дж.Х. Миракилов, М.А. Эркинов, Шахобуддини З.// Международная конференция молодых ученых. РФ. г. -Воронеж, 2017, РИНЦ стр. 36-40.

7. Шахобуддини З. Обоснование параметров ротационного рабочего органа/ Дж.Х. Миракилов, М.А. Эркинов, Шахобуддини З.// Международная научно-практическая конференция «Наука и инновации в XXI веке: актуальные вопросы, достижения и тенденции развития» ТАУ им. Ш.Шотемур Душанбе. -2017, - С 248-253.

8. Шаҳобуддини З. Мошини муштараки КМИС- 1,8 барои коркарди хок дар байни қаторҳои боғҳои интенсивӣ /Шаҳобуддини З.// Конфренсияи илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дар мавзуи «Ҷавонон таҳкимгари рушди технологияҳои инноватсионӣ» бахшида ба Рӯзи Президент, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. – Душанбе, 2017, - С. 63-65

III. Нахуспатент

1. Мошинаи муштарак «КМИС-1,8» бо олоти кории ротатсионӣ барои коркарди хоки қитъаҳои байниқаторӣ дар боғҳои интенсивӣ / Мирақилов Ҷ.Ҳ., Эркинов М.А., Ясинов Ш.М., Абдуллоев Н.Х., Раҳимов

Б. Г. // Ҷумҳурии Тоҷикистон. Идораи патентӣ. Нахустпатент - № TJ 904. Дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд 28.05.2018 с., ариза № 1801175 от 07.02.2018 с.

Ҷаласа қарор кард:

1.Диссертатсияи Раҳматзода Шаҳобуддин Зубайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080601– Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2.Диссертатсияи Раҳматзода Шаҳобуддин Зубайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080601–Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ бо назардошти ислоҳу эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-085 тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳо санаи 28 октябри соли 2025, протоколи №4 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 28 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 28 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
н.и.к., и.в. дотсент Гулов Т.Н.

Котиби ҷаласа:
н.и.т., и.в. дотсент Амиров Н.Р.

Имзоҳои Гулов Т.Н. ва Амиров Н.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.